**ПРОТОКОЛИ №3**

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-094**

аз «29» ноябри соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "28" марти соли 2025, № 119/шд тасдиқгардида 10 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм ва 6 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Хайруллозода Б.Х. ва аъзоёни комиссия Назарова З.Э. ва Муминова Ҳ.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шарофиддинзод Муслиҳиддин

Шарофиддин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Шарофиддинзод Муслиҳиддин Шарофиддин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ), пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Шарофиддинзод Муслиҳиддин Шарофиддинро дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Юлдашева Мавжуда Рахматовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода (ҳамкор);

-Алиев Асрор Баҳридинович, номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассис оид ба таҳсилоти лоиҳаи "Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Ба сифати муассисаи пешбар МДТ "Донишгоҳи далатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" таъин гардад.

4.Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва

автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6.Таърихи баргузории ҳимоя 12.02.2026, соати $14\text{-}^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор ____________ Ульмасов Ф.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсент ____________ Раҳимзода К.С.